Нақдҳо ва баррасиҳо



Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди нақд: 9

Мавзӯъи нақд:

Меъёр ва мавонеъи шиноҳт; Мавонеъи шиноҳт; Ҷаҳл ва тақлид

Нависандаи нақд:

Муҳаммад

Меъёр ва мавонеъи шинохт; Мавонеъи шинохт; Ҷаҳл ва тақлид

بسم الله الرحمن الرحيم

Нависандаи нақд: Муҳаммад **Тарихи нақд:** 21/02/2015

Дар мабҳаси тақлид агарчи тавзиҳоте ки ироъа шуда дар бархӣ баҳсҳо саҳиҳ мебошад, аммо дар бархӣ ҷиҳат ба дурустӣ тавзиҳ наёмадааст. Худованд дар ҳеҷ як аз ояти китоби осмонӣ пайравӣ аз уламоро дар дин дастур надода балки зимни инки илм ва донишро беҳтарин неъмат дониста аз сӯӣ дигар омили инҳироф дар динро низ олимон муъаррифӣ карда ва мисоли он уламои аҳли китоб ки оёти марбут ба муъаррифии ҳазрати Расулуллоҳро аз китоби Таврот ва Инҷил ҳазф карданд. Аммо Парвардигори оламиён таклифи он даста аз мардум ки саводи хондан надошта ё тавони фаҳми бархӣ оёти Қуръонро надоранд тавсияи муроҷиъа ба рабониюн ва солеҳонро намудааст. Тақлид агар кӯр кӯрона ва пайравӣ бе чуну чаро бошад мардуд [аст] аммо агар аз шахси солеҳ ва муқараби даргоҳи Худованд бошад барои он кас ки тавонои хондан ё дарки дурусти оётро надорад лозим ва муфид аст. Агар назари шуморо бар ин бидонем ки тақлид аз ҳар кас ва ҳар наҳв мардуд аст он вақт чигуна интизор доред ки идае аз шумо пайравӣ намояд ва иҷтимоъи воҳиде шакл бигирад ҳар чанд ки ҳадафи бисёр муқаддас бошад. Лутфан дар сурати имкон ва [барои] рафъи шубҳа посух ба эмейлам ирсол гардад.

Посух ба нақди шумораи: 1 **Тарихи посух ба нақд:** 22/02/2015

Бародари арҷманд!

Лозим аст китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> ро бо ҳадафи ошноии амиқ бо Исломи холис ва комил, бар канор аз пешзеҳниятҳо ва пешфарзҳои шахсӣ, бо диққат ва тадаббури кофӣ мутолеъа фармойед; Чароки ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ дар ин китоб (с 45), тақлидро <<Пайравӣ аз гуфта ва кардаи дигарӣ бидуни далил>> таъриф фармудааст на бо далил! Бинобарин, агар касе аз гуфта ва кардаи дигарӣ ба далили мутобиқати он бо меъёри шинохт пайравӣ кунад, аз ӯ тақлид накарда балки аз меъёри шинохт пайравӣ кардааст. Рӯшан аст


ки ин бузугвор низ аз шумо нахостааст ки аз эшон <<Тақлид>> кунед, бал аз шумо хостааст ки аз гуфта ва кардаи эшон ба далили мутобиқати он бо китоби Худованд ва суннати яқинии Паёмбараш ва иқтизоъоти рӯшани ақлӣ пайравӣ кунед ва ин бо ҳеҷ тақрире <<Тақлид>> аз эшон шумурда намешавад. Эшон шадидан бо шахсият парастӣ мухолиф аст ва онро мисдоқе аз <<Ширк>> мешуморад ва шахсият парастӣ ин аст ки касе чунон таҳти таъсири як шахсият қарор бигирад ки гуфта ва кардаи ӯро бидуни далил қабул кунад; Чизе ки мутаъассифона имрӯз дар миёни мусалмонон ривоҷи фаровоне дорад.

Бале, бар мусалмонон воҷиб аст ки худ мустақиман ба манобеъи Ислом муроҷиъа кунанд ва ба фатвои муҷтаҳидон иктифо накунанд ва албатта бар муҷтаҳидон низ воҷиб аст ки ононро дар ин кор ёрӣ кунанд, ба ин маъно ки муроҷиъаи мустақими онон ба манобеъи Исломро тасҳил намоянд, на инки ба тақлиди онон аз худ доман зананд ва ононро аз китоби Худованд ва суннати яқинии Паёмбараш ва иқтизоъоти рӯшани ақлӣ ба худ саргарм созанд; Чароки чунин коре, боздоштан аз роҳи Худо ва иъонат бар исм ва удвон аст ва монанди коре аст ки коҳинони яҳудӣ ва роҳибони масеҳӣ дар умматоҳои гузашта анҷом доданд.

Аз инҷо дониста мешавад ки иҷтимоъи шуморӣ кофӣ аз мусалмонон барои ҳифозат, иъонат ва итоъати Маҳдӣ, агар чи дар асари даъвати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ анҷом мешавад, бар пояи тақлид аз ӯ анҷом намешавад, бал бар пояи табаъият аз китоби Худованд ва суннати яқинии Паёмбараш ва иқтизоъоти рӯшани ақлӣ анҷом мешавад ва ба ҳамин далил аст ки ӯ барои даъвати мусалмонон ба ин иҷтимоъ зарурӣ, китобӣ истедлолӣ ва бурҳонӣ навишта ва ба китоби Худованд ва суннати яқинии Паёмбараш ва иқтизоъоти рӯшани ақлӣ истинод карда ва монанди муҷтаҳидон ба додани фатво ва монанди муддаъиён ба муъарифии худ иктифо накардааст, дар ҳоле ки як марҷаъи тақлид, танҳо фатвои худро барои оммаи мардум изҳор медорад ва мутаваққиъ аст ки онон бар пояи тақлид аз ӯ ва бидуни илми тафсилӣ ба далоилаш, ба фатвои ӯ амал кунанд ва як муддаъии дурӯғин, танҳо мақоми иддаъоӣ худ монанди Маҳдӣ будан ё нойиби Маҳдӣ будан ё фарзанди Маҳдӣ буданро

барои оммаи мардум изҳор медорад ва мутаваққиъ аст ки онон бар пояи тақлид аз ӯ ва бидуни илми тафсилӣ ба далоилаш, аз гуфта ва кардаи ӯ пайравӣ кунанд, аммо Мансури Ҳошимии Хуросонӣ, на аз мавзеъи як марҷаъи тақлид ва на аз мавзеъи як муддаъии дурӯғин, бал аз мавзеъи як омири ба маъруф ва ноҳй аз мункар даъват карда ва даъвати маъқул ва машруъи худро бар далоили яқинӣ ва мусаллами Исломӣ мубтанӣ сохтааст, то мусалмононе монанди шумо бо илми тафсилӣ ба далоили ӯ ва на сирфан бо эътимод ба марҷаъият ё мақоми иддаъоӣ ӯ, даъвати ӯро иҷобат кунанд ва ин ҳамон хусусияти Маҳдӣ аст ки ин шахсияти хос ва мутафовитро аз мароҷеъи тақлид ва муддаъиёни дурӯғин ҷудо карда ва дар ҷойгоҳи як заминасози айнӣ ва амалӣ барои зуҳури Маҳдӣ қарор додааст. Ин ба он маъност ки Мансури Ҳошимии Хуросонӣ намехоҳад монанди марҷаъи тақлид ва муддаъиёни дурӯғин, шуморо ба муридони худ табдил кунад, бал мехоҳад аз шумо бародарон ва хоҳаронӣ озода, хирадманд ва фарҳехта барои худ бисозад то ёрони ӯ ба сӯи Худованд ва халифааш дар замин бошед.

Дафтари ҳифз ва нашри осори
Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши баррасии нақдҳо



* Лутфан бар рӯй линки мавриди назари ҳуд клик кунед.
Линки мақолаи бало
Саҳифаи фесбуки пойгоҳ
Саҳифаи гуголплюси пойгоҳ
Саҳифаи канали телеграми пойгоҳ